# ***<u>Вой - Вой</u>***

***«Ист! Биандеш. Чӣ будӣ, кӣ шудӣ ба кадом хоҳӣ монд.***

***Биандеш, ки чӣ миқдор амалҳои носазо***

***ба ҷо овардӣ. Чӣ қадар хоҳӣ кард?***

***Ист! Биандеш. Чӣ бояд кард, ки амали бад***

***кам содир шавад, зеро роҳ кам мондаву***

***фурсат танг аст. Ист! Биандеш!***

***-Ҳошим Гадо***

***«Аз дари танг дароед; зеро фарох аст он дар ва васеъ аст он роҳе ки сӯи ҳалокат мебарад, ва онҳое ки ба он дохил мешаванд, бисёранд; Зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт мебарад, ва ёбандагони он кам ҳастанд.»***

***— Исои Масеҳи Худованд***

***Гуноҳҳо — «Ман сергапам. Ман камгапам. Ман бетамизам. Ман дурӯғгӯям. Ман фиребгар-***

***ам. Ман хабаркашам. Ман ғайбатиам. Ман***

***озордиҳандаам. Ман беҳудаю бахуда мардумозорӣ кардам. Ман сояи туям. Ман бисёр***

***шӯҳратхоҳам. Эй вой бар ман. В-эй хок***

***бар сари ман.»***

***— Ҳошим Гадо***

*«Зеро ки музди гуноҳ мамот (марг) аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ва воситаи Худованди мо Исои Масеҳ.»*

*— Инҷил*

***«Ончунон тухм пошидаам, ки метавонистанд,***

***деҳеро сер кунанд, вале афсӯс, ки худ то ҳол***

***гуруснаам. Бояд аз нав шудгор бикунам.»***

***— Ҳошим Гадо***

*«Исо ба онҳо гуфт: Ман нони ҳаёт ҳастам; касе ки назди Ман ояд, ҳаргиз гурусна нахоҳад монд, ва касе ки ба Ман имон оварад, ҳаргиз ташна нахоҳад монд.»*

*— Инҷил*

*«Садои занги дар, мешунавӣ? - Кист*

*Хомӯшӣ.... Ҳар лаҳза паси дар моро касе*

*интизор аст. Ӯро ҳеҷ гоҳ фаромӯш масоз ва*

*аз омадаш матарс. На мо аввалем, на мо*

*охирин. Биандеш, ки аз ту чӣ хоҳад монд.»*

*— Ҳошим Гадо*

*«Натарс; Манам Аввалин ва Охирин ва Зинда; ва ман мурда будам, ва инак то абад зинда ҳастам, омин; ва калидҳои дӯзах ва мамот дар дасти Ман аст.»*

*— Исои Масеҳи Худованд*

*«Эй инсон! Дар зоҳир ба тавҳид (ваҳдат)*

*эътироф дорӣ ва дар ботин тардиди (дудилагӣ)*

*созанда созӣ. Хуб аст, ки дар зоҳиру ботин*

*эътирофи Худо кунӣ, то мағзи ҷонат*

*ором бошад.»*

*— Ҳошим Гадо*

*«Осоиштагиро ба шумо боқӣ мегузорам, осоиштагии Худро ба шумо медиҳам: на ончунон ки ҷаҳон медиҳад, Ман ба шумо медиҳам. Дили шумо музтариб нашавад ва ҳаросон набошад.»*

*— Исои Масеҳи Худованд*

*«Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ба бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт.»*

*— Инҷил*